Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА–019
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак)

ТАҚРИЗИ

мукарризи расмӣ ба диссертатсияи Муродзода Фирӯза Рузибой **дар мавзуи** «Тавсифи ҳуқуқии ҷиноятӣ ва криминологии муомилоти ғайриқонунии прекурсорҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», **барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст.**

Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст. Диссертатсияи Муродзода Фирӯза Рузибой дар мавзуи «Тавсифи ҳуқуқии ҷиноятӣ ва криминологии муомилоти ғайриқонунии прекурсорҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА–019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ), ки аз руйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, таҳти №15/шд 62 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

Қобили қайд аст, ки диссертатсияи тақризшаванда дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2-и Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардидааст.

Мубрам будани мавзуи диссертатсия. Имрӯз дар ҷаҳони муосир ба ғайр аз мушкилоти ҷаҳонӣ доштани муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ, инчунин мушкилоти муомилоти

ғайриқонунии прекурсорҳо ва пайдоиши намудҳои нави онҳо низ нигароникунанда мебошад.

Ба зудӣ паҳн шудани воситаҳои нашъадор, навъҳои нави моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳои онҳо дар миқёси ҷаҳон дар даҳсолаи охир дар ҳақиқат барои сокинони кишварҳои дунё хатари ҷиддӣ эҷод намуд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар яке аз Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуданд, ки «Мусаллам аст, ки муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир яке аз сарчашмаҳои асосии маблағгузории фаъолияти созмонҳои экстремистиву террористӣ мебошад.

Ҳарчанд ки дар натиҷаи чораҳои андешидашуда солҳои охир қочоқи маводи мухаддир ба кишвари мо то андозае коҳиш ёфтааст, афзоиши воридоти дигар намудҳои маводи нашъаовар, ки ба саломатии инсон зарари бештар дорад, ба назар мерасад».

Аҳамияти муҳими зарурияти кӯшишҳои якҷоя дар муқовимат бо муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳои онҳоро дарк намуда, Тоҷикистон ба системаи байналмилалии мубориза бар зидди ин зуҳуроти номатлуб шомил гардид ва иштирокчии фаъоли барномаҳои зиддимухаддиротии Созмони Миллали Муттаҳид дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ мебошад. Дар баробари ин Созмон инчунин, яке аз самтҳои фаъолияти Маркази минтақавии ҳамоҳангсозии иттилоотии Осиёи Марказӣ оид ба мубориза бо муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳои онҳо ба ҳамоҳангсозии мубориза бо муомилоти ғайриқонунии прекурсорҳо равона карда шуда, дар сатҳи минтақавӣ мақоми салоҳиятдори давлатҳои аъзои Марказро дар ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои назоратии муштарак, аз он ҷумла таҳвили назоратшаванда, ки ба интиқоли ғайриқонунии прекурсорҳои химиявӣ равона шудааст, дастгирӣ менамояд. Тибқи маълумоти ин марказ қисми зиёди ҳаҷми умумиҷаҳонии ангидриди кислотаи атсетат, ки вақтҳои

охир мусодира шудааст, аз ҷумла дар Афғонистон ва кишварҳои бо он ҳамсоя, мисли пештара дар Хитой ва Иттиҳоди Аврупо истеҳсол шудааст.

Бо назардошти мушкилоти ҷойдошта мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар сохторҳои марбутаи Тоҷикистон муаззаф гардидаанд, ки фаъолиятро дар самти пешгирӣ ва муқовимат бар зидди муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳои онҳо тақвият бахшида, тамоми имкониятҳоро барои ошкор намудани гуруҳҳои муташаккили ҷиноятпеша ва қочоқи маводи мухаддир сафарбар намоянд.

Таҳлили вазъи гардиши ғайриқонунии маводи нашаъаовар дар Афғонистон ва дигар давлатҳои бо он ҳамсарҳад нишон медиҳад, ки бо мақсади истеҳсол ва тайёр кардани бахусус воситаи нашъадори героин ва моддаи психотропии метамфетамин, прекурсорҳо дар ҳаҷми зиёд тариқи қочоқ ба Афғонистон ворид мешаванд. Илова бар ин дар асоси хабари ҳисоботи Маркази амалиёти тактикии Вазорати корҳои дохилии Афғонистон бар зидди маводи мухаддир маълум гардид, ки қисми зиёди метамфетамин дар Афғонистон бо истифода аз эфедра истеҳсол карда шудааст. Яъне ба сифати прекурсор гиёҳи худрӯйи эфедраро нашъаҷаллобони афғон барои истеҳсоли метамфетамин васеъ истифода бурда истодаанд. Чунин намуди прекурсор бо номи гиёҳи эфедра дар баландкӯҳҳои Тоҷикистон низ меруяд, ки зери назорати қатъӣ қарор дорад.

Таҳлили ҳамаҷонибаи муомилоти ғайриқонунии прекурсорҳо нишон медиҳад, ки аз лаҳзаи қабули Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол мавзуи тавсифи ҳуқуқии ҷиноятӣ ва криминологии муомилоти ғайриқонунии прекурсорҳо дар Тоҷикистон мавриди таҳқиқоти илмӣ ҳаматарафа қарор дода нашуда, ба вазъи ҷинояткорӣ дар самти муомилоти ғайриқонунии прекурсорҳо дар дохил ва хориҷи кишвар, дар бораи шахсияти ҷинояткор, сабабҳо ва шароитҳои мусоидаткунанда, пешгирии муомилоти ғайриқонунии прекурсорҳо, омӯзиши маълумоти омории маъмуриву ҷиноятӣ ва таҷрибаи судӣ вобаста ба мавзуи номбурда, диққати махсус дода нашудааст.

Бинобар ин, дар кори илмӣ гузаронидани таҳлили муқоисавӣ, муайян намудани тавсифи ҳуқуқии ҷиноятӣ ва криминологии муомилоти ғайриқонунии прекурсорҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва меъёрҳои ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ истеҳсол, тайёр кардан, коркард, соҳиб шудан, нигоҳ доштан, ба соҳибияти каси дигар додан, интиқол ё фиристонидани прекурсорҳо, нишон додани тамоюл, сохтор ва динамикаи муомилоти ғайриқонунии прекурсорҳо мувофиқи мақсад мебошад. Инчунин, баррасии мушкилот дар назария ва амалия вобаста ба мавзуи таҳқиқшаванда, асоснок намудани камбудиҳои дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷойдошта ва дар ин замина пешниҳод намудани тавсияҳо ҷиҳати бартараф намудани онҳо мебошад.

Боби якуми диссертатсия - «Тавсифи ҳуқуқии ҷиноятии муомилоти ғайриқонунии прекурсорҳо» аз ду зербоб иборат буда, дар доираи он, аломатҳои объективии муомилоти ғайриқонунии прекурсорҳо ва аломатҳои субъективии муомилоти ғайриқонунии прекурсорҳо мавриди таҳқиқоти илмӣ ва амалӣ қарор гирифтааст.

Боби дуюми диссертатсия - «Тавсифи криминологии муомилоти ғайриқонунии прекурсорҳо» аз чор зербоб иборат мебошад. Дар боби мазкур масоили вазъи ҷиноятқорӣ дар самти муомилоти ғайриқонунии прекурсорҳо дар дохил ва хориҷи кишвар, шахсияти ҷиноятқор дар содир намудани муомилоти ғайриқонунии прекурсорҳо, сабабҳо ва шароитҳои мусоидаткунанда барои содир намудани муомилоти ғайриқонунии прекурсорҳо, пешгирии муомилоти ғайриқонунии прекурсорҳо мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва натиҷаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд. Диссертатсияи Муродзода Ф.Р. аввалин таҳқиқоти илмии ба забони тоҷикӣ таҳияшуда мебошад, ки дар он тавсифи криминологии муомилоти ғайриқонунии прекурсорҳо дар ҷумҳурӣ, муайян намудани тарзу усул ва роҳҳои баланд бардоштани самаранокии муқовимат бар зидди чунин категорияи ҷиноят

истифода аз таҷрибаи дигар давлатҳо мавриди баррасӣ қарор дода шуда, аз якчанд навгониҳо иборат мебошад. Дар рисолаи илмии мазкур бори аввал таҷрибаҳои муосир ва маълумоти омории кишвар ва хориҷи он вобаста ба масъалаҳои муомилоти ғайриқонунии прекурсорҳо, ки дар адабиёти илмӣ ва парвандаҳои судиву тафтишотӣ мавҷуданд, оварда шудааст. Ҳамамон, вазъи ҷиноят ва ҷинояткорӣ дар самти муомилоти ғайриқонунии прекурсорҳо таҳлил гардида, бо истифода аз омор ва маълумотҳои дақиқ мусодираи прекурсорҳо дар кишвар ва ҷаҳон баҳогузорӣ шуда, аломатҳои хос ва фарқкунандаи шахсияти ҷинояткор дар содир намудани муомилоти ғайриқонунии прекурсорҳо муайян карда шудааст. Дар рисола пешгирии ҷинояткориро чораи аввалиндараҷа ва муқовимат бо муомилоти ғайриқонунии прекурсорҳоро вазифаи тамоми башарият дониста, ба эҳтимолияти пайдо шудани навъҳои нави прекурсорҳо дар ҷумҳурӣ ибрози назар карда шудааст. Гузашта аз ин, навгонии кор дар таҳлил ва тавсияҳо ҷиҳати мукаммалгардонии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муомилоти ғайриқонунии прекурсорҳо ва дар амал татбиқ намудани онҳо, манзур мегардад. Инчунин ба тавсифи ҳуқуқии ҷиноятии моддаи 202[1] КҶ ҶТ диққат дода, алоқамандӣ ва дигаргунии онро бо қонунгузории ҷиноятии хориҷи кишвар муқоиса карда шудааст.

Асосноки ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда. Таҳлили диссертатсия, ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, проблемаҳои қонунгузорӣ ва амалӣ, ки аз тарафи муаллиф пешкаш шудаанд, муайян намудани мавқеи мустақили хеш, асосноккунии нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳо бо истифода аз доираи кофии маводи илмӣ ва таҷрибаи амалӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона навишта шудааст. Мундариҷаи кори илмӣ шаҳодати он аст, ки муаллиф тавонистааст бештари масъалаҳои вобаста ба мавзуи таҳқиқшавандаро таҳлил карда, мубрам будани онро нишон додааст, ки ин хадафи асосиашро ташкил медиҳад.

Аҳамияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо барои истифода аз онҳо. Хулоса ва пешниҳодҳои дар диссертатсия дарҷгардида, бешубҳа арзиши илмӣ дошта, донишу малака ва ғояҳои мавҷударо дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба муомилоти ғайриқонунии прекурсорҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври назаррас зиёд мегардонад.

Ҳамзамон, таҳқиқоти диссертатсионӣ дар оянда ба заминаҳои ҳуқуқии муомилоти прекурсорҳо дар ҷумҳурӣ таҳвият бахшида, барои инкишофи қонунгузории ҷиноятӣ, инчунин ба дигар масъалаҳои марбут ба мавзуи таҳқиқшаванда мусоидат менамояд.

Аҳамияти амалии таҳқиқоти диссератсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки пешниҳоду тавсияҳои аз ҷониби диссертант таҳиягардида ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд ҳангоми такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи муомилоти қонунӣ ва ғайриқонунии прекурсорҳо, инчунин ҳангоми омода намудани қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба бандубасти ҷиноятҳои мухаддиротӣ, дар фаъолияти қонунгузории кумитаҳо ва комиссияҳои дахлдори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти бар зидди муомилоти ғайриқонунии прекурсорҳо муборизабаранда, дар рафти таҳқиқоти илмӣ, зимни бозомӯзӣ ва такмили ихтисос дар донишгоҳу донишкадаҳо, самаранок истифода шаванд.

Инчунин, дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро барои такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва амалияи судӣ истифода бурдан мумкин аст.

Натиҷаҳо ва хулосаҳои илмии дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада нишон медиҳанд, ки онҳо воқеан камбудиҳои дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мавҷудбударо пур менамоянд.

Дар баробари ин, дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок ба назар мерасанд, ки онҳоро қайд намудан лозим аст ва ба Муродзода Ф.Р. дар шакли тавсияҳо барои таҳқиқотҳои ояндаи у пешниҳод менамоем.

1. Дар нуқтаи илмии № 2 (пешниҳодҳои дорои хусусияти назариявӣ), ки ба ҳимоя пешниҳод шудааст, муаллиф зикр менамояд, ки «Муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳои онҳо масъалаи мураккаб ва ташвишовари байналмилалӣ буда, дар радифи дигар ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, ба суботу амнийт ва рушди иқтисодию иҷтимоии кишварҳо таҳдид мекунад. Ба зудӣ паҳн шудани навъҳои нави маводи нашъадор ва прекурсорҳо дар миқёси ҷаҳон дар даҳсолаи охир дар ҳақиқат барои сокинони кишварҳои дунё хатари ҷиддӣ эҷод кардааст. Бинобар ин, дар ҳамбастагӣ бо ҷомеаи байналмилалӣ муқовимат бояд пурзӯр карда шавад». Дар ҳақиқат ин мушкилоти ҷаҳонӣ эътироф шудааст ва ба он бояд ба мисли ҷиноятҳои фаромиллӣ таваҷҷуҳ карда шавад, лекин муаллиф ин масъаларо ба таври муфассал зери таҳқиқ қарор надодааст. Хуб мешуд, дар рафти ҳимояи ошкоро атрофи ин масъала муаллиф ба таври муфассал ин пешниҳоди худро асоснок менамуд.

2. Муаллиф дар маҷмуъ пешниҳод менамояд, ки (пешниҳоди №3, пешниҳодҳое, ки барои такмили қонунгузории ҷиноятӣ манзур мегарданд) «Дар қисми 5 моддаи 36 КҶ ҶТ ёрдамчӣ ҳамчун шахси бо маслиҳату дастур, додани маълумот, восита ё олот дар содир кардани ҷиноят мусоидаткунанда эътироф шудааст. Дар баробари муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ, муомилоти ғайриқонунии прекурсорҳо низ метавонад яке аз сарчашмаҳои асосии маблағгузории терроризми байналмилалӣ ва дигар ҷиноятҳои фаромиллӣ гардад. Аз ин лиҳоз, муаллиф ҷиҳати такмил додани КҶ ҶТ ва самаранокии истифодаи он, дар қ. 5 м. 36 КҶ ҶТ пас аз калимаи «дастур» калимаи **«маблағгузорӣ»-ро** илова намуданро пешниҳод менамояд». Аммо ақидаи муаллиф вобаста ба пешниҳоди зикршуда баҳсталаб мебошад. Зеро дар моддаи 36-и (боби 7) КҶ ҶТ сухан дар бораи мафҳумҳои шарикони ҷиноят меравад ва ин пешниҳод, ба назари мо берун аз доираи мавзуи рисолаи илмӣ мебошад. Зеро ин пешниҳоди муаллифи рисолаи илмии мазкур ба ақидаи мо бояд зери

таҳқиқи илмии алоҳида қарор гирифта шавад. Аз ин лиҳоз хуб мешуд, ки муаллиф дар рафти ҳимояи ошкоро фикру мулоҳизаҳои худро иброз намояд.

3. Дар боби 2, зербоби 2.4. – рисола, ки ба пешгирии муомилоти ғайриқонунии прекурсорҳо бахшида шудааст, муаллиф пешгирии муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва нашъамандиро дар гузаронидани чорабиниҳои зиддинашъамандӣ ва зиддимухаддиротӣ, аз он ҷумла корҳои фаҳмондадиҳии зиддинашъамандӣ ва маълумотноккунонии аҳолӣ (пеш аз ҳама ноболиғон ва ҷавонон) дар бораи зарари истеъмоли маводи нашъадор, тарғиби тарзи ҳаёти солим ва ғайра, мебинад. Дар саҳ.129 чорабиниҳои пешгирии ҷиноятҳои мухаддиротро ба таври умумӣ ва маъмул муаллиф нишон додааст, лекин чорабиниҳои махсуси пешгирии муомилоти ғайриқонунии прекурсорҳо бо баъзе аломатҳои фарқунанда баргузории чорабиниҳои иловагиро тақозо менамояд, яъне муаллиф бар зидди муомилоти ғайриқонунии прекурсорҳо ҳамчун як омили номатлуб чорабиниҳои махсуси пешгирикунандаро бояд нишон медод, лекин муаллиф дар рафти таҳқиқот ба чорабиниҳои пешгирикунанда марбут ба муомилоти ғайриқонунии прекурсорҳо таваҷҷуҳи хоса накардааст. Гузашта аз ин мавзуи рисолаи илмӣ низ маҳз ба муомилоти ғайриқонунии прекурсорҳо бахшида шудааст.

Дар маҷмуъ, эродҳои зикршуда сифати таҳқиқоти диссертатсиониро паст намекунанд. Ин нахустин омӯзиши ҳамаҷонибаи тавсифи ҳуқуқии ҷиноятӣ ва криминологии муомилоти ғайриқонунии прекурсорҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки бо забони давлатӣ навишта шуда, бо навоварӣ ва хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои муаллиф фарқ мекунад ва рисоларо ҳамчун як таҳқиқоти илмии мустақил, эҷодкорона ва мукаммал таҷдид намудааст, ки ба тамоми талаботҳо ҷавобгӯ аст. Автореферат ва интишороти илмии довталаб мазмуни диссертатсияро инъикос мекунад.

Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ. Унвонҷӯ муаллифи дар маҷмуъ 12 мақолаҳои илмӣ бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ

мебошад. 1 дастурамали методӣ ва 11 мақолаи илмӣ буда, аз ин 4 мақолаҳо дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 7 мақолаҳо дар нашрияҳои ватанӣ ва хориҷӣ интишор шудаанд. Ҳамаи онҳо бо мазмун ва мавзуи рисолаи илмӣ бевосита алоқаманд мебошанд.

Қобили қайд аст, ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Мутобикати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Диссертатсияи Муродзода Ф.Р. ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Қисмати хотимавии тақриз. Аз омузиши матни таҳқиқот ва автореферат хулоса намудан мумкин аст, ки диссертатсияи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ пурра ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ҷавобгӯй мебошад. Зеро натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф барои рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҷиноятҳои ба муқобили саломатии аҳолӣ ва соҳаҳои дигари ҳуқуқ мусоидат карда, боиси он мегарданд, ки падидаи мазкур дар илми ватанӣ такмил ёбад. Дар маҷмуъ, пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф барои рушди илм ва қонунгузории

ҷиноятӣ, фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва такмили соҳа аҳамияти муҳим доранд.

Ҳамзамон, хулоса ва натиҷахо метавонанд ҳангоми таҳия ва татбиқи консепсияҳои давлатӣ дар соҳаи ҳуқуқ истифода шаванд. Маводи диссертатсия ҳангоми тадриси ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҷиноятҳо ба муқобили саломатии аҳолӣ, ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона, навиштани рисолаҳои хатм, магистрӣ, диссертатсияҳо, инчунин дар амалия, бахусус аз ҷониби кормандони оперативӣ ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва дар рафти тафтишоти пешакӣ ва судӣ метавонад ба таври васеъ мавриди истифода қарор гиранд, ки ҷанбаҳои мусбати таҳқиқоти Муродзода Ф.Р.-ро нишон медиҳанд.

Дар умум, Муродзода Фирӯза Рузибой сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад. Бояд иброз намуд, ки таҳризи мазкур бо дарназардошти бандҳои 71 ва 72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

Мукарризи расмӣ:
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии
факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи
Славянии Россия ва Тоҷикистон В.А. Абдуҳамитов

Имзои Абдуҳамитов В.А.-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои
Донишгоҳи Славянии Россия ваТоҷикистон А.А. Раҳимов

ОТДЕЛ КАДРОВ